## ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМИ

**доктори илмҳои филологи, профессор Мукимов Муҳамадӣ Аминович ба диссертатсияи Суҳроби Мирзоалӣ дар мавзуи «Журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият, равандҳо ва дурнамо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.23. Рузноманигории байналмилалӣ пешниҳод шудааст.**

Суҳроби Мирзоалӣ соли 2005 зинаи мутахассис, соли 2007 зинаи аспирантура ва соли 2025 зинаи докторантураро дар пояи кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хатм намудааст. 13 ноябри соли 2007 дар мавзуи «Фаъолияти хабаргузориҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли ИРНА ва РИА «Новости»)» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дифоъ кардааст. Аз соли 2010 ба ҳайси дотсенти кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Суҳроби Мирзоалӣ пас аз дифои рисолаи номзадӣ пажуҳишашро оид ба журналистикаи хориҷӣ ва байналхалқӣ идома додааст. Мавзуи диссертатсияи доктории Суҳроби Мирзоалӣ соли 2022 дар шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

Огоҳ будан аз журналистикаи байналхалқӣ ва таҷрибаҳои илмии андӯхтаи Суҳроби Мирзоалӣ дар тӯли фаъолияти меҳнатиаш, ки таваҷҷуҳи зиёд доштани уро ба масъалаҳои журналистикаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ба фароҳам овардани маводди таҳқиқ ва таълифи рисолаи докторӣ кумак намуд. Чунонки аз мутолиаи рисолаи доктории у бармеояд, муаллиф бо адабиёти илмии соҳа ба хубӣ ошно буда, ба умқи мавзуъ ғутавар мешавад ва назари пажуҳишгарони соҳаро хуб дарк мекунад. Дар баробари ин, у бо муҳаққиқони соҳа баҳс карда, назари худро мегуяд.

**Кори диссертатсионии Суҳроби Мирзоалӣ** ба яке аз масъалаҳои мубрами журналистикаи муосир – журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият, равандҳо ва дурнамо бахшида шудааст.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки диссертант бори аввал дар илми рузноманигории тоҷик шинохт ва таъиноти журналистикаи байналхалқии тоҷикро муайян карда, махсусият, равандҳо ва дурнамои онро таҳлилу таҳқиқ намудааст. Бо чунин шакл ба миён гузоштани масъала барои омузишу таҳлили баъзе масъалаҳои раванди таҳқиқи илмӣ ва амалии рузноманигории байналхалқӣ мусоидат карда метавонад.

Суҳроби Мирзоалӣ дар бахши мубрамии мавзуи таҳқиқ, ҳамзамон, ҳадафи худро аз таълифи рисола ба таври возеҳ нишон додааст. У дуруст зикр мекунад, ки журналистикаи байналхалқӣ дар раванди ҷаҳонишавии ахбор саҳми муҳим дорад ва дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ низ яке аз бозингарони асосӣ мебошад. Аз таҳқиқ ва арзёбиҳои анҷомгирифта бармеояд, ки мавзуи журналистикаи байналхалқӣ то ҳануз дар Тоҷикистон мавриди омузиш ва таҳлили пурраи монографӣ қарор нагирифтааст. Бинобар ин дар диссертатсияи мазкур махсусият, равандҳо ва дурнамои журналистикаи байналхалқии Тоҷикистон бо мисолҳои мушаххас мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Пайдоиши журналистикаи байналхалқӣ аз ташаккули матбуот дар Аврупо дар асрҳои XVIII ва XIX вобаста мебошад. Диссертант пайдоиш ва ташаккули журналистикаи байналхалқии тоҷикро ба се марҳила: то инқилоби Шуравӣ, даврони Шуравӣ ва давраи соҳибистиклолии Тоҷикистон ҷудо кардааст.

Муаллифи диссертатсия журналистикаи байналхалқии тоҷикро дар замони Ҳукумати Шуравӣ дар навбати худ ба марҳилаҳои алоҳида ҷудо мекунад, ки ҳар як марҳила вобаста ба авзои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷаҳон тақсимбандӣ шудааст:

- журналистикаи байналхалқии тоҷик аз соли 1924 то соли 1941;
- журналистикаи байналхалқии тоҷик дар замони Ҷанги Дуюми Ҷаҳон;
- журналистикаи байналхалқии тоҷик дар замони «Ҷанги сард»;
- журналистикаи байналхалқии тоҷик дар замони бозсозӣ.

**Сахми шахсии довталаби** дарёфти дарачаи илмиро сатхи дарки масъалахои дар диссертатсия баррасишуда, натичахо ва хулосахои асосии кор, мукарраротн ба химоя пешниходшуда, мустакил ифода шудани нуктаи назари у ва маърузахояш дар конференсияхои байналхалкӣ, чумхуриявӣ ва дигар хамоишхои илмӣ собит менамоянд.

Диссертатсия аз мукаддима, панч боб, понздах фасл, хулоса, тавсияхои амалӣ ва руйхати адабиёт таркиб ёфтааст. Мукаддимаи рисола мувофики талабот тахия гардидааст. Диссертатсия аз чихати сохтор низоми муайяни илмӣ дошта, бобу фаслхо зина ба зина мавзуъро фаро гирифта аз нигохи мазмун ва мантик ба якдигар алокамандӣ доранд.

Хамаи масъалахои зикршуда пайдархам, муназзам ва мантикан ба хам алокаманд ба миён гузошта шудаанд. Чунончи дар боби якуми диссертатсия масъалахои шинохт, мушкилот ва равандхои муосири журналистикаи байналхалкӣ тахкик шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия пайдоиш ва ташаккули журналистикаи байналхалкӣ мавриди тахкик карор гирифтааст.

Бобои сеюми диссертатсия ба тахлили накши журналистикаи байналхалкӣ дар ташаккули имичи мусбати давлат бахшида шудааст.

Боби чоруми диссертатсия баррасии масъалахои миллӣ дар журналистикаи байналхалкиро фаро гирифтааст.

Дар боби панчум холату дурнамои журналистикаи байналхалкии муосири точик тахлилулу баррасӣ шудаанд. Кор аз методхои тахкикоти назарӣ, монандӣ ва киёс, таърихӣ, мантикӣ, индуктивӣ, дедуктивӣ, диалектикӣ, равиши низомнок (систематикӣ), тахлил ва чамъбаст, тарчид (абстракт) ва умумиятдихӣ истифода мебарад, ки ин ба тахкик эътимоднокӣ ва дакикии илмӣ мебахшад. Дар идома, самтхои гуногуни фаъолияти журналистикаи байналхалкӣ дар эчоди мавод мавриди пажухиш карор гирифтааст, ки сахифаи наверо барои омузиши журналистикаи байналхалкӣ мекушояд.

Дар хулоса ва пешниходхо натичахои асосии тахкикоти илмӣ ба таври зарурӣ чамъбаст гардидаанд. Чанбаи татбик ва арзишу ахаммияти амалии

таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои ба дастомада ва маводди дар рисола коркарду таҳқиқшуда метавонад барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо дар самти журналистикаи хориҷӣ ва байналхалқӣ истифода гарданд. Масъалаҳо ва консепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **1 монография ва 37 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақола** дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои илмии Русия ва 14 мақола дар маҷмуаҳои дигари илмӣ нашр намудааст. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ **мувофиқ мебошанд.**

**Мухтавои диссертатсияи Суҳроби Мирзоалӣ** бо номи мавзуъ ва соҳаҳои таҳқиқоти шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ пурра мувофиқат менамояд. Диссертатсия пажуҳиши илмии мустақилона буда, мазмуну мундариҷаи рисола, адабиёти истифодашуда, хулосаҳои таҳлилӣ, методҳои истифодашуда ба ихтисоси мувофиқ мебошад.

Дар баробари анҷом додани кори илмию таҳқиқотӣ Суҳроби Мирзоалӣ дар тарғибу ташвиқи сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ машғул мебошад. Суҳроби Мирзоалӣ аз ҷумлаи олимони соҳаи журналистикаи байналхалқии тоҷик аст, ки дар инкишофи соҳаи мазкур саҳми муносиб дорад. Дар маҷмуъ, дотсент Суҳроби Мирзоалиро дар самти интихобкардаи худ метавон ҳамчун мутахассиси лаёқатманди илмӣ ном бурд, ки мустақилона аз уҳдаи ҳалли супоришу вазифаҳои гузошташуда баромада метавонад.

**Хулоса,** диссертатсия Суҳроби Мирзоалиро дар мавзуи «Журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият, равандҳо ва дурнамо» кори илмии ба итмомрасидаи дорои аҳаммияти назарию амалие меҳисобам, ки дар

сатхи зарурии илмию тахқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгу мебошад. Дар ин замина диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз руйи ихтисоси 6.2.23. Рузноманигории байналмилалӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ тавсия менамоям.

**Мушовири илмӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи журналистикаи**
**байналхалқии факултети**
**журналистикаи ДМТ** **Муқимов Муҳамадӣ Аминович**
«20» январи соли 2026
Нишонӣ: 734041, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш. Душанбе, кучаи Б. Ғафуров - 46, х. 12.
Тел:(+992) 93-501-72-32
E-mail: jovidm@mail.ru

**Имзои Муқимов Муҳамадӣ Аминовичро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шодихонзода Э.Ш.**

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«20» январи соли 2026